# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи унвончӯй Қурбонов Ёрмаҳмад Султоналиевич дар мавзӯи «Такмили идоракунии рушди соҳибкории хурду миёна дар маҷмааи меҳмонхонаҳо (дар мисоли ҷумҳурии тоҷикистон)» барои дарёфи дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05 -Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: менеҷмент

Инкишофи соҳибкории хурду миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қатори масоили афзалиятнок шомил аст. Соҳибкории хурду миёна дар кишвар ва рушди муосири он бо раванди фаъоли ташаккул ва инкишофи соҳаи сайёҳӣ ҳамчун маҷмӯи мураккаби соҳаҳои марбутаи иқтисодиёт тавсиф меёбад. Дар соҳаи сайёҳии муосир мақоми махсусро саноати меҳмоннавозӣ ишғол менамояд. Барои аксар кишварҳои ҷаҳон сайёҳӣ ҳамчун манбаи асосии даромади буҷети давлатӣ қарор гирифтааст. Бинобар ин, бо боварӣ метавон гуфт, ки бозори хизматрасонии меҳмонхонавӣ барои ҷалби сармоягузорӣ ояндаи хуб дорад. Ташкил кардани воситаҳои нави ҷойгиркунии одамон барои баланд бардоштани сатҳи ҷолибияти соҳаи сайёҳӣ, баланд бардоштани нишондиҳандаҳои фаъолияти сайёҳӣ дар минтақаҳои мушаххас мусоидат мекунад.

Модели аз ҷониби муаллиф таҳрезишудаи амсилаи иқтисодию математикии интихоби объекти силсилаи меҳмонхонавӣ дар шароити номуайянӣ ва хавф ворид намудани амсилаҳои дар амалияи ҷаҳонӣ маъруфи франчайзингии маҷмааи меҳмонхонавиро тавассути ворид намудани силсилаҳои меҳмонхонавӣ пешбинӣ мекунад.

Силсилаҳои меҳмонхонавӣ аз ҳисоби ташаккули стандартҳои баланди сифати хизматрасонӣ ба афзоиши хизматрасонии меҳмонхонаҳо ба сайёҳон мусоидат мекунанд. Дар айни ҳол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибатҳои маҷмааи меҳмонхонавӣ дар силсилаҳои муттаҳидшуда чи тавре, ки дар тамоми ҷаҳон ташкил шудааст, бо қонунгузорӣ муайян нагардидааст.

Бо муаллиф розӣ шудан мумкин аст, ки зери таъсири манбаъҳои берунӣ ва дохилии иттилоот, сохтори ташкилии мазкур метавонад тағйир ёбад ва дар намуди ҷараёнҳои ба ҳам вобастаи иттилоотӣ байни ҳамаи унсурҳо (зерсохторҳо)-и идоракунии корхонаи маҷмааи меҳмонхонавӣ пешниҳод гардад, барои рушди соҳибкории инфиродии маҷмааи меҳмонхонавӣ баланд бардоштани имиҷи молиявии махсуси он бо мақсади татбиқи талаботҳои мушаххаси рӯз ва талаботҳои мизоҷон (ба хусус агар онҳо ба ҳам мувофиқ бошанд) ба мақсад мувофиқ аст. (саҳ. 17).

Тасдиқоти муаллиф дар асоси таҳлили вазъи муосири маҷмааи меҳмонхонавӣ зарурати таҳияи муносибати методӣ ҷиҳати муайян кардани стратегияи корпоративии соҳибкории маҷмааи меҳмонхонавӣ муайян карда шуд, ки фарқияти он аз муайян кардани мавқеи бизнес-воҳидҳои стратегии соҳибкории маҷмааи меҳмонхонавӣ дар шакли фосилаҳои боваринок иборат мебошад. Истифодаи муносибати мазкур барои пурзӯр намудани самаранокии идоракунии стратегии корхонаи маҷмааи меҳмонхонавӣ мусоидат мекунад; (саҳ. 20).

Баробари ин, ба муаллиф тавсияҳои зерин дода мешавад:

- ҳангоми баррасии рушди соҳибкорӣ ва таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ дар идоракунии маҷмааи меҳмонхонаҳо таваҷҷӯҳи бештар додан ба таҷрибаи давлатҳои ИДМ ва махсусан кишварҳои ҳамсоя дар ин самт мувофиқи матлаб мебуд;

- дар автореферати диссертатсия каму беш хатогиҳои граматикӣ ҷой дорад, ки бояд бартараф карда шаванд.

Умуман, аз таҳлили автореферат ба хулоса омадан мумкин аст, ки кори диссертатсионӣ дар мавзӯи «Такмили идоракунии рушди соҳибкории хурду миёна дар маҷмааи меҳмонхонаҳо (дар мисоли ҷумҳурии тоҷикистон)» кори илмӣ – тахассусӣ ба ҳисоб меравад, ки ба яке аз муаммоҳои мубрами хоҷагии халқ бахшида шудааст ва таҳқиқоти мустақилона гузаронидашударо ифода менамояд.

Кори пешниҳодашуда ба талаботҳои КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат намуда, муаллифи он Қурбонов Ёрмаҳмад Султоналиевич сазовори соҳиб гаштан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисод аз рӯи ихтисоси 08.00.05 -Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: менеҷмент мебошад.

Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент
Муовини якум, муовини ректор оид
ба таълими Донишгоҳи давлатии молия
ва иқтисоди Тоҷикистон Нурализода А.Н.
27.12.2019

Имзои Нурализода А.Н.,-ро тасдиқ мекунам.
сардори шуъбаи кадри Донишгоҳи давлатии молия
ва иқтисоди Тоҷикистон Раҷабов Б.С.
27.12.2019

Суроға 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14,
tgfeu@tgfeu.tj